# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи илмии Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи “Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст**

Дар забоншиносии муосири тоҷик тайи даҳсолаҳои ахир таҳқиқоти назаррас дар самти таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои забонии осори адибон ва махсусан забони назм рӯи кор омадаанд. Дар ин росто таҳқиқоти Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи “Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ” аз чунин таҳқиқоти мубрам ва арзишманд муаррифӣ мешавад. Мубрамияти таҳқиқ дар он дида мешавад, ки дар замони муосир ва даврони дигаргуниҳои назаррас таваҷҷуҳ ба масоили гуногуни осори манзуми форсию тоҷикии адабиёти классикӣ бештар гардида, доир ба паҳлуҳои гуногуни он асару мақолаҳои зиёде таълиф шуда истодаанд. Агарчи қисмате аз тадқиқотҳои забони осори манзум масоили лексикиро фаро гирифта бошанд ҳам, ҳанӯз гурӯҳи вожагони соҳавӣ чун лексикаи ирфонӣ ва лексикаи мавзуии ғазалиёти Толиби Омулӣ таҳқиқи забонии онҳо бапуррагӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд. Дар ин росто осори Толиби Омулӣ, ки унвон бо нигини шоирони сабки ҳиндӣ ва маликушшуароӣ дорад, кам ба чашм мерасад ва ба таври муназзам ва фарогир ба риштаи таҳқиқ кашиду шуда бошад. Аз тарафи дигар аҳамияти илмӣ ва мубрамияти омӯзиши вижагиҳои маъноии ғазалиёти Толиб дар он дида мешавад, ки эҷодиёти Толиб ҳам аз тарафи илмиву адабӣ, фарҳангиву ирфонӣ, фалсафӣ ва ҳам аз тарафи моҳияти иҷтимоӣ, маънавию сиёсӣ, худшиносии миллӣ арзиши фарҳангиву адабӣ ва таърихиву илмӣ қобили омӯзиши густурда ва амиқ аст.

Дар ин замина ҳадафи аслии тадқиқот муайян намудани вижагиҳои маъноӣ ва луғавии лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ ва мушаххас намудани нақши гурӯҳҳои ҷудогона ва махсуси луғавӣ дар рушду таҳаввули забони адабӣ маҳсуб мешавад. Ҳамчунон ки маъруф ва маъмул аст, назм дар олами адаб яке аз дастовардҳои боарзиш ва фарогири баҳои баланди фарҳангии башар дониста мешавад ва аз ин лиҳоз мавриди пажӯҳишу таҳқиқ қарор додани он дорои муҳиммият ва арзёбии назаррас аст.

Навгонии диссертатсия, аввалан дар он дида мешавад, ки вобаста ба вижагиҳои луғавию маъноии ғазалиёти Толиби Омулӣ рисолаи мазкур таҳқиқоти аввалин дониста мешавад. Дар ин замина бори нахуст

таснифоти маъноию луғавии вожагони ғазалиёти Толиби Омулӣ бо назардошти маъноҳои гуногун, истилоҳоти ирфонӣ ва таъбироти динӣ ва фарҳангӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст. Дар баробари ин зимни таҳқиқ масъалаҳои ҳунари суханварӣ ва маҳорати эҷодии шоир мутаносибан ба истифодаи бамавриди вожагон, эҷоди сухани муассир, истифодаи обуранги нотакрори маънои калимаҳо дар осори адиби ширинсухан мавриди таҳлилу омӯзиши фарогир ва амиқ қарор дода шудааст.

Аҳамияти илмию назарии диссертатсия дар он дида мешавад, ки хулосаҳои илмии баджастомада ва натиҷаҳои таҳқиқот барои пажӯҳишҳои минбаъда заминаи арзишманд ва муносибе буда, бо андозаи лозим қолиб ва манбаи лоиқи мавриди истифода барои таҳқиқот гардад. Таҳлилу баррасии илмӣ дар диссертатсия мавҷудияти забони назми тоҷикиро тақвият бахшида, дар асоси маводи таҳлилшуда маълум менамояд, ки он дорои категорияҳои махсус ва вазифаҳои муайяни маъноӣ, луғавӣ ва лингвистию эстетикӣ аст. Натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии ин тадқиқот дар ҳалли як қатор масоили назариявии лексикӣ, лексикиву семантикӣ, вижагиҳои луғавию маъноӣ ва эҷодии шоирони алоҳида мусоидат менамоянд. Дар баробари ин муқоисаи маводи таҳлилшуда барои муайян кардани раванди инкишофи таърихии луғат ва захираи он, вижагиҳои маъноии калимаҳо дар давраҳои гуногун дорои аҳамияти мушаххаси илмию назарӣ аст.

Арзиши амалии таҳқиқоти дар диссертатсияи мазкур суратгирифта дар он дида мешавад, ки натиҷаҳои тадқиқот барои таълими фанҳои марбут ба забон ва забоншиносӣ чун фонетика, лексикология, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадеӣ, муайян кардани ҷанбаҳои маъноию забонии воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳияи луғати калимаҳои сермаъно, ҳаммаъно, зидмаъно, муродифот, таълифи фарҳангҳои тафсирию фарҳанги осори шоирон ва таълифи китобҳои дарсию дастуру васоити таълимӣ ба таври самаранок мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамчунин бахшҳои алоҳидаи ин кор ба ҳайси маводи арзишманди фанни тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ ва ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор бигиранд. Дар баробари ин хулоса ва натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур метавонад барои таҳияи дастури лозиме дар ҷараёни таълими забонҳои тоҷикию форсӣ барои омӯзгор ва маводи луғатомӯзӣ ба шогирдон ва дар курсҳои махсуси омӯзиши забон, ҳамчунин маводи

дастрасе барои доничӯён ба ҳангоми навиштани корҳои курсию дипломӣ истифода гардад.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи илмии Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи “Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии муаллиф дар мушаххас намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳқиқи маъхазҳо вобаста ба вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили дақиқи маъниофаринӣ, вожагони мавзӯӣ ва ирфонии осори Толиби Омулӣ, таҳияи мавод ва бобу фаслҳои диссертатсия, муайян намудани самтҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи илмӣ ба таври бориз дида мешавад. Ҳамчунин саҳми муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст тамоми вожагони ирфонии ғазалиёти Толиби Омулӣ бо назардошти вижагиҳои гуногуни он дар асоси фарҳангҳои истилоҳоти ирфонӣ, фарҳангҳои этимологӣ ва ҳамчунин энсиклопедӣ мавриди таҳқиқу таҳлил ва муқоисаву тасниф қарор дода шудааст.

Дар асоси нуктаҳои зикргардида таъкид кардан муҳим аст, ки диссертант ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, муваффақ гардидааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ бо сабки хуби илмӣ ошно шуда, малакаи нигориши илмии худро дар мақолаҳои илмии интишорнамуда инъикос намудааст. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯза ва баромадҳо дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ ироа гардида, инчунин аз рӯи мавзӯи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Бинобар ин ҳамчун роҳбари илмӣ диссертатсияи илмии Абдуев Эмом Субҳоновичро дар мавзуи “Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, ба талабот ҷавобгӯй дониста, барои дифоъ тавсия менамоям.

Ректори Донишкадаи рушди менеҷменти
Сингапур дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович

**Сана: 15.09.2022**

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51; тел.: (992) 907801822
E-mail: mukhtorov67@gmail.com